Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим (Ризоқулов Тӯрақул Раббимқулович) ба диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

## 1. Мутобиқат ба соҳаи таҳқиқот

Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, ба: 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ. 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Вазифаҳо ва механизмҳои идоракунӣ. Асосноккунии методӣ ва коркарди ангораҳои ташкилӣ ва механизмҳои идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо; арзёбии самаранокии онҳо. 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ. 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ мувофиқат мекунад.

## 2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси гузаштан ба хоҷагидории инноватсионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои олии пешрафта ва

баланд бардоштани самаранокии он вазифаи асосии марҳилаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Амалишавии ин вазифа ба маънои васеъ маҷмуи самтҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди иҷтимоӣ, такмилдиҳии ҷанбаҳои институтсионалии он ва сиёсати иҷтимоию иқтисодиро талаб менамояд.

Олимону сиёсатмадорон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ менамоянд, эътироф мекунанд, ки айни замон дар кишвари азизамон ободкориву созандагӣ барқарор ва ба чолишҳои ҷаҳонии муосир мувофиқ аст.

Вале, бо ин нигоҳ накарда, барои татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳои стратегии кишвар зарур аст, ки амалиёти модернизатсия ҳамаҷониба бо муайян кардани самтҳои афзалиятноки он ҳатмӣ гардад.

Мундариҷаи ин афзалиятҳо таҷрибаи даҳсолаҳои охир дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ҷамъшударо равшан нишон медиҳад. Дар ин ҷо беш аз нисфи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тавассути техника технологияҳои инноватсионӣ, донишҳои нав, системаҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, технология ва таҷҳизоти нав, аз ҳисоби афзоиши маблағгузории давлатӣ ба фондҳои асосии иқтисодиёти минтақаҳо, васеъ ба роҳ мондани фаъолияти маркетингӣ ба даст оварда шудааст.

Мушкилоте, ки ҳоло дар иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ қарор дорад, гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд мебошад, ки бидуни навсозӣ ва афзоиши босуръати иқтидори илмию техникӣ ба он ноил шудан ғайриимкон аст. Афзоиш ва сифатан мустаҳкам намудани иқтидори инноватсионӣ барои таҳия ва татбиқи самарабахши лоиҳаю барномаҳое, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани рақобати иқтисодиёти миллӣ, мустаҳкам намудани амнияти он, беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандонро таъмин менамоянд, замина ташкил мекунад.

Минтақаҳо дар ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ва стратегии таҷдиди иҷтимоию иқтисодии кишвар мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Маҳз ба шарофати гуногунии самтҳои иқтисодиёт ва имкониятҳои тараққиёти он афзоиши иқтисодиёти миллӣ таъмин ҳоҳад шуд. Аммо, сарфи назар аз он ки масъалаи модернизатсия дар минтақаҳои Тоҷикистон имрӯз мавзуи хеле маъмули таҳлилӣ ва муҳокимаи илмӣ мебошад, ҷанбаи фазоию ҳудудии он ба қадри кофӣ баррасӣ карда нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқ намудани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва коркарди фишангҳои идоракунии иннноватсионии иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо муаммои мубрами илмӣ мебошад.

Рушди нобаробари минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, гуногунҷабҳагии фаъолияти онҳо, масъалаи ба инобат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳангоми муайян кардани афзалиятҳои стратегиро ба миён мегузорад. Ин масъала тақозо менамояд, ки асосҳои назариявӣ ва методологии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа бо дарназардошти омилҳои дохилӣ ва тамоюлҳои берунии муосири рушди ҷаҳонӣ, тахияи механизмҳои инкишофи шаклҳои нави инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз ба таҳқиқи масъалаи мазкур равона шудааст, ки ҳам аз ин нуқтаи назарияи амалия ва ҳам аз нуқтаи назари илми иқтисодиёт ҷолиби диққат, саривақтӣ ва аҳаммияти баланди стратегӣ дошта мебошад.

### 3. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо

Дар диссертатсия, ҳамчун ҳадаф таҳқиқи ҷараёнҳои мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт ва робита ба таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад, ба назар гирифта шудааст.

Навоварии илмии рисола аз ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мукаммалгардонии сохтори ҳудудии иқтисодиёт тибқи асосноксозии заминаҳои илмӣ ва амалии модернизатсияи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт муайянгардида зоҳир мешавад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

–дар асоси таҳқиқ ва асоснок намудан ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои экологӣ-иқтисодии рушди минтақаҳои кишвар ба мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст;

–заминаҳои ташкилию соҳавӣ дар коркарди иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодиёти минтақавӣ исбот карда шудааст, алалхусус, коркарди механизми амали он дар бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ бо аниқ гардонидани асосҳои методии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақа пешниҳод карда шудааст;

– самтҳои стратегии барои татбиқи сиёсати соҳавӣ, рушди иқтидори илмӣ, техникию инноватсионӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақавӣ таҳқиқ гардида, ҳалли муаммоҳои экологии истифодаи захираҳои обӣ дар вилояти Хатлон нишон дода шудааст;

– самти асосии стратегияи модернизатсия аз руи марҳилаҳои «захирагунҷоиш», «самаранокии захираҳо» ва «инноватсионӣ» модернизатсияи низоми идоракунии захираистифодабарии минтақавӣ ва алгоритми арзёбии гузаронидани модернизатсия иқтисодии минтақа таҳқиқ ва арзёбӣ гардидаст;

– исбот намудани зарурати ташаккули низоми идоракунии модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Точикистон ва дар асоси он механизми ташкилӣ-иқтисодии мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти Хатлон пешниҳод шуд;

- дар диссертатсия самтҳои ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии инноватсионии вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

## 4. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 179 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 12 ҷадвал ва 18 расм буда, рӯйхати адабиёт 142 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

Дар **боби якум, ки «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа»** унвон дорад, таҳаввулоти назариявии модернизатсия, принсипҳои ташаккулёбии он, асосҳои методии тағйирёбии сохтори ҳудудӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (С. 14-58).

Муаллиф дар фасли нахустини диссертатсия назарияҳои гуногуни модернизатсияи иқтисодиёти минтақаро бо далелҳо иброз намуда, дар умум, 5 самти омӯзиши назариявии модернизатсияи иқтисодиёти минтақаро ҷудо кардааст, ки дар ҳамаи онҳо хусусиятҳои минтақавии модернизатсия ва аз тарафи дигар, модернизатсия дар асоси истифодаи самараноки захираҳои табиӣ-иқтисодӣ мавҷуданд. Инчунин, қайд карда мешавад, ки вобаста аз таъсири ин ё он омил, махсусан, инноватсияҳо, сармоягузорӣ, натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, муносибатҳои нави молиявӣ (дар назар дошта мешаванд

технологияҳои молиявӣ, ба монанди биткоин, блокчейн, краудфаундинг, краудинвестинг ва ғ.) дар илми муосир дар фаҳмиши ягонаги он вуҷуд надорад (С. 14-17).

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллиф мафҳуми модернизатсияи иқтисодиёти минтақаро ҳамчун раванди дорои хусусияти ҳудудидошта, чараёни азнавсозии фаъолияти иқтисодии минтақаро бо назардошти ташаккули низоми идоракунии самараноки истифодаи захираҳои табиӣ дар бар мегирад, маънидод кардааст (С. 18).

Яке аз ҷанбаи ҷолиби диққат дар фасли якуми диссертатсия дар он аст, ки тибқи таҳлили асосҳои консептуалии низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа модернизатсиякунонии он ҷузъи таркибии фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ зурурат пеш меояд, ки принсипҳои байналмилалии истифодабарии захираҳои табиӣ низ бояд мадди назар карда шаванд. Аз ин рӯ, ду гурӯҳи принсипҳои захира истифодабариро метавон ҷудо намуд: принсипҳое, ки ба муносибатҳои байнидавлатӣ вобастаанд ва принсипҳои манфиатнокии таҷдид ва азнавсозии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ (С.32-33). Дар ин асос муаллиф қайд менамояд, ки ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар ҳамаи сатҳҳои иқтисоди миллӣ зарур аст. Сохтори модернизатсияи иқтисодӣ тақозо менамояд, ки низомҳои инноватсионӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ таҳия карда шаванд, ки пайдарҳамии амалинамоии инноватсияҳо аз сатҳи поёнӣ ба болоӣ ба роҳ монда мешаванд (С.36-39).

Дар диссертатсия аҳаммияти махсус ба масъалаҳои информатизатсиякунӣ, компютеризатсиякунии истеҳсолот, воридшавии васеи инноватсия дар ҳаёти иқтисодии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар маҳалҳо, ҳамкориҳои иқтисодии корхонаҳои муштарак дода шуда, қайд мегардад, ки онҳо ба модернизатсияи иқтисодӣ таъсири мусбиро ба сатҳ ва дараҷаи рушди иқтисодии минтақаҳо мерасонад. Дар баробари ин, ғайрисамаранок истифодабарии базаи модию техникӣ, захираҳои табиӣ, имкониятҳои иқтисодии захиравии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ба он таъсири манфӣ мерасонад (С. 47-54 ).

Диссертант баҳои объективӣ ба вазъи муосир бо тарзи зерин медиҳад: аз ҳисоби дуруст ба роҳ намондани "таносуби масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ киштзорҳои обёришаванда майли камшавӣ пайдо карда, дар натиҷаи самаранок истифода нагардидани захираҳои обӣ ва дуруст истифода набурдани техника ва технологияи обёрӣ мебошад. Аз назари мо, дар натиҷаи вусъат додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва дастгирии давлатии онҳо, дигаргуниҳои баамал

омада характери модернизатсия гирифта, боиси рушди замонавӣ мегарданд" (С. 57 - 58).

**Дар боби дуюм, ки «Таҳлили вазъи ҳозира ва стратегияи таъсири модернизатсияи иқтисодӣ дар вилояти Хатлон»** ном дорад, ҳолати кунунии модернизатсияи иқтисодиёт, муаммоҳои экологии истифодаи захираҳои обӣ, арзёбии таъсири модернизатсияи иқтисодӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон муайян карда шудаанд(С.59-105).

Диссертант қайд менамояд, ки яке аз муаммоҳои амалӣ намудани модернизатсияи иқтисодӣ дар вилояти Хатлон ин сатҳи нисбатан пасти тараққиёти иқтисодӣ ва баланди фарсудашавии инфрасохтори истеҳсолӣ, хусусан дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, бахши коммуналӣ, рушди соҳаи гидроэнергетикӣ мебошад, ки ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад. Дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, дар корхонаҳои саноатӣ ин ҳолат мушоҳида карда мешавад (С. 64 - 68).

Диссертант дар хулоса таъкид менамояд, ки асоси модернизатсия дар сохтори ҳудудӣ, ин ба эътибор гирифтани алоқамандии зичи бахшҳои воқеӣ, аз қабили кишоварзӣ ва саноат мебошад. ... захираҳои соҳаи кишварзӣ аз ҳисоби афзун гардидани талабот ба он оварда расонидааст, ки масоҳати киштзорҳо ва киштзорҳои обёришаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ майли камшавӣ гирифтаанд. Ҳамзамон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад дар рушди минтақаҳо майли тафриқавӣ дорад. Масалан, ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон нисбат ба Суғд дар ММД камтар буда, ин аз баитмом нарасидани ташаккулёбии инфрасохтори модернизатсияи иқтисодиёти минтақаи Хатлон дарак медиҳад (С. 69 - 71).

Муаллиф бо истифодабарӣ аз усули гуногуни таҳқиқот натиҷаҳои муҳимро ба даст оавардааст. Алалхусус, таъкид карда шудаст, ки захираҳои обӣ дар вилояти Мухтори куҳистони Бадахшон ташаккул ёфта, ҳолати истифобариашон дар ҳудуди вилояти Хатлон аст. Ҳамзамон дар бахши мазкур мушкилоти зиёд, аз ҷумла нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон (бинобар кам гаштани сарфи оби дарёҳо дар ин давра ва кам будани ҳаҷми обанборҳои мавҷуда), ба мувозинат овардани ниёзи истеҳсоли нерӯи барқ ва обёрӣ, маблағгузории нигоҳдории обанборҳо ва иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар онҳо, паст будани пардохти ҳаққи нерӯи барқ, баланд будани сатҳи талафот ва ғайра баррасӣ гардидааст (С.78-79).

Дар ин бахши диссертатсия муаммоҳо дар бахши кишоварзӣ барои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва таъсиси ҷойҳои корӣ асоснок карда

шудааст. Айни замон як қатор мушкилот, аз ҷумла фарсуда гаштани инфрасохтори мавҷудаи обёрӣ ва беҳдошти замин, зиёд гардидани майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корами обӣ, эрозияи заминҳои обӣ, аз кор мондани пойгоҳҳои обкашӣ, нарасидани мошину механизмҳо, мавҷуд набудани ҳисоби дурусти об ва ғайра мудаллал карда шудааст. Ҳамзамон муаммоҳо дар соҳаи саноати вилоят, хизматрасонӣ ва ғайра низ арзёбӣ карда шудааст. Инчунин, роҳҳои ҳалли муаммоҳо тавассути таҷдиди инфрасохтор ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодиву институтсионалӣ ва беҳдошти замин таҳқиқ карда шудааст (С. 80-92).

Бо андешаи муаллиф, барои арзёбии самаранокии модернизатсияи иқтисодӣ маҷмуи чорабиниҳои муҷтамаӣ гузаронида шаванд. Қисматҳои таркибии он иборатанд, аз: ҳисоби нишондиҳандаҳои базавӣ; таҳлил ва арзёбии самаранокии ҳамгироӣ аҳамияти бузург дорад. Нишондиҳандаи муҳим ва аввалиндараҷаи гузаронидани модернизатсияи иқтисодӣ самараи ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад ва он инъикоскунандаи фарқияти дисконтии натиҷаҳои фаъолият (даромад, фоида) ва хароҷотҳои сарфшуда дар муҳлати муайяни вақт мебошад. (С. 95 - 96).

Инчунин, дар ин бахш аз ҷониби муалиф таҳлили муқоисавии имкониятҳои захиравии минтақаро ошкор карда шудааст. Алалхусус, маҷудияти дар ин минтақа 11 кони намак, конҳои азими оҳаксанг ( Пусхур, Ёвон, Чинор, Хоҷа-Қозиён ва Туюн-Тоу) 63%-и ҳамаи захираҳои нафтии ҷумҳурӣ, захираҳои назарраси гази табиӣ, конҳои кушоди тилло дар водии дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Яхсу ва ғайра таҳил карда шудааст, ки барои назария ва амлияи иқтисодиёти ватанӣ хеле муҳим аст (С. 98–104).

**Дар боби саввум, «Самтҳои стратегии рушди сохтори ҳудудии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ»** масъалаҳои рушди самараноки низоми идоракунии раванди модернизатсия, инчунин механизми ташкилӣ-иқтисодии мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионӣ, самтҳои ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти вилояти Хатлон баррасӣ гардидааст (С. 106-158).

Дар бахши тавсиявии диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро, ба нақши устувории мавқеи давлат ҳангоми ҷоннок намудани раванди модернизатсияи иқтисодӣ дар танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути қабули қарорҳои дахлдори мақсаднок ҳангоми қабули барномаҳои рушди иқтисодии минтақавӣ медиҳад. Таъкид карда шудааст, ки: “Давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунандаи фаъолият маҷмуи

чорабиниҳои заруриро роҳандозӣ менамояд, ки он иборат аст аз самтҳои мукаммалгардонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ (техникӣ-технологӣ, илмӣ-техникӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, экологӣ). Онҳо, бояд ки ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии сатҳи минтақавӣ дарҷ гарданд (С. 106 - 111).

Дар натиҷаи таҳлилҳо муаллиф муайян намудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳангоми танзими раванди модернизатсияи иқтисодӣ зарур аст, ки дар сохтори иқтисодиёти минтақа коркарди механизми муайяни беҳтаргардонии соҳаҳои иқтисодиёти минтақа тарҳрезӣ карда шавад. Алалхусус, истифодаи механизми таъсиси кластерҳои соҳавӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҷойгиршавии фармоишҳои давлатӣ дар вазои иқтисодии муайян, бизнес-инкубаторҳо ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда амалӣ карда шавад (С. 113 - 115).

Дар диссертатсия бо тарзи алоҳида асоснок карда шудааст, ки омили муҳимми модернизатсияи иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо суръати баланд ташкил намудани он намуди идоракуние, ки доираи фаъолияти корхонаҳои истеҳсолиро аз ҳисоби гузаронидани модернизатсияи иқтисодӣ ва тадбиқ намудани дастовардҳои техникии ба тадбиқи “иқтисоди сабз” нигаронидашудаи минтақавӣ мебошад. Бинобар ин, танзими давлатии босамари раванди модеринзатсияи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон аз пайдарҳамӣ ва мунтазамии гузаронидани модернизатсияи нақшавӣ вобастагӣ дошта, мунъатифии он бо механизми назорат аз болои раванди истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва таҷдиди фаъолияти истеҳсолии ба барқароршавии муҳити табиӣ нигаронидашуда дар вилоят, инчунин, механизми мусоидатнамоии давлатӣ робитаи зич дорад. (С. 119-121).

Мувофиқи андешаи диссертант, механизми ташкилӣ-иқтисодии раванди модернизатсияи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт низоми мураккаби идоракуниро дар бар гирифта, дар он мавқеи асосиро фаъолияти якҷояи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот, дар ҳақиқат, дуруст исбот карда шудааст, ки дар мадди аввал мутахассисони дараҷаи касбӣ бояд омода карда шаванд ва дар ин сурат раванди модернизатсияи иқтисодӣ дар робита ба истифода ва барқароркунии захираҳи табиӣ пурзӯр карда мешавад (С. 123 - 128).

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки густариши муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба раванди таҷдид ва азнавсозии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиётро тақозо мекунад, аз марҳила ба марҳила таҷдид намудани воситаҳои асосии истеҳсолот; ҷалби бештари маблағҳо барои таъсиси фонди махсуси таҷдид ва азнавсозии фаъолияти корхонаҳои бахши давлатӣ; мукаммалгардонӣ ва танзимкунии иқтидори

захиравии минтақа дар низоми идоракунии фаъолияти иқтисодии субъектҳои бахши хусусӣ ва давлатӣ иборат мебошад, ки дар ҳақиқат дуруст аст (С. 130-133).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, модернизатсияи иқтисодиро яку якбора амалӣ намудан душвор аст. Бинобар ин, зарур аст, ки соҳаҳои афзалиятдошта ва авлавиятнок ҷудо карда шаванд ва баъдан раванди амалишавии он оғоз гардад. Дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳиссаи бештар дар сохтори маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ) рост меояд. Маҳз ҳамин соҳаҳои калидӣ дар оянда имкон медиҳанд, ки рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро аз ҳисоби модернизатсияи иқтисодии раванди истеҳсолии онҳо ба роҳ монд. Дар баробари ин, рушди соҳаҳои афзалиятноки номбаргардидаро ҷустуҷӯ намуда, самти "қувваи зарба"-ро маҳз ба ин соҳаҳо равона намудан зарур аст, то ин ки сатҳи некуаҳволии аҳолии минтақа боло бардошта шавад. Аз ин лиҳоз, коркарди барномаи махсуси рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон зери унвони "Барномаи модернизатсияи иқтисодиёти вилояти Хатлон барои давраи дарозмуҳлати рушди бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ)" таҳия ва қабул карда шавад, ки барои илм ва амалия хеле зарур аст. Дар ин радиф, имкониятҳо ва норасогиҳои самтҳои афзалиятноки идоракунии модернизатсияи иқтисодии фаъолияти иқтисодӣ дар вилояти Хатлон коркард ва пешниҳод карда шудааст (С. 153 - 157)

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти илмии диссертатсия барои ғанӣ гардонидан ва инкишофи назарияи иқтисодии минтақавӣ, назарияи идораи ҳудудӣ, консепсияи модернизатсия, идоракунии стратегӣ ва назарияи навсозӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, дар таҳлили асосҳои институтсионалии равандҳои ташаккул ва рушди сиёсати минтақавӣ дар доираи таъмини рушди тавозунии иқтисодӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ барои минтақаҳои кишвар таҷассум меёбад. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалӣ имконияти коҳиш додани мушкилоти дараҷаи захираистифодабарӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти истеҳсолиро дар ҷумҳурӣ муҳайё мекунанд.

Инчунин, қисматҳои назариявию методологии таҳқиқотро метавон дар такмили матни лексияҳо, барнома ва дастурҳои таълимию методӣ фанҳои

таҳсилоти олӣ: «Идоракунии ҳудудҳо», «Иқтисоди минтақаҳо», «Идораи стратегӣ», ки ҳангоми омода намудани мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёт истифода шаванд. Тавсияҳои коркардшудаи муаллиф барои таъмини амалии модернизатсияи иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бояд мусоидат намояд.

## 6. Эродҳо доир ба диссертатсия

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Мувофиқи мақсад буд, агар дар қисмати “мубрамияти” рисола бо асосноккунии илмӣ - назариявӣ муаммоҳои аниқу саҳеҳи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки боиси интихоби мавзуи мазкур мебошад, баён гардад.

2. Дар қисмати “Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ” асарҳои аз ҳад зиёд олимони хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ба корҳои илмии олимони ватанӣ диққати кам зоҳир шудааст. Беҳтар мегардид, агар ҳар як олими ватанӣ кадом самти масъалаи баррасишавандаро мавриди таҳлил қарор додааст, нишон дода шавад.

3. Дар қисмати дуввуми навгонӣ омадааст: “...арзёбии омилҳо, принсипҳо ва хусусиятҳои модернизатсияи иқтисодии минтақавӣ ва зарурати коркарди механизми амали он дар бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ”. Вале, кадом омилҳо, принсипҳо ва хусусиятҳо арзёбӣ карда шудааст номуайян, яъне таҳлил карда нашудааст.

4. Дар зербоби 1.2., ки “Принсипҳои ташаккулёбии роҳҳои ҳалли масъалаҳои стратегии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа” унвон дорад, моҳият номгӯи принсипҳо пурра инъикос нагардидааст, дар он бештар масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа баррасӣ гардидааст.

5. Дар зербоби 1.3. “Асосҳои методии тағйирёбии сохтори ҳудудӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа” агар номгӯи нишондиҳандаҳо, усулҳи арзёбӣ боз ҳам васеътар дарҷ карда шавад, мувофиқи мақсад буд.

6. Дар боби дуввум, параграфи 2.1. диссертатсия “Таҳлили ҳолати кунунӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодии вилояти Хатлон” номида шудааст, вале мундариҷаи он тавсифи умумӣ дорад, агар дар ин самт муаммоҳое, ки модернизатсияи ба миён мегузорад, бо нишон додани ҷанбаҳои қавӣ, заифӣ, имконият ва таҳдидҳо (таҳлили SWOT) гузаронида мешуд, мундариҷаи кор боз ҳам илман пурзӯр мегардид.

7. Дар саҳифаи 87-уми диссертатсия расм оид ба “Муаммоҳо ва норасогиҳои ҷараёни танзимнамоии захираҳои обӣ” дар вилояти Хатлон гирд оварда шуддаст, ки таҳлили пурраи худро наёфтааст. Хуб мешуд, муаллиф бояд ҳар яки қисматҳои алоҳидаи ҷадвалро дар алоҳидагӣ таҳлил карда сарбории илмии онҳоро нишон медод.

8. Дар параграфи 2.3. диссертатсия бо номи “Арзёбии таъсири модернизатсияи иқтисодӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон” омадааст, муаллиф бояд тавассути усули математикии иқтисодӣ таъсири миқдории модернизатсияро ба сатҳи рушди иқтисодиёт нишон диҳад, мувофиқи мақсад буд.

9. Дар диссертатсия нокифоягии маълумотҳои омории расмӣ, ки сатҳи муосири модернизатсияро нишон медиҳад, ба назар мерасад.

Вале метавон гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта ба кор таъсири манфӣ намерасонад, характери тавсиявӣ дорад ва диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талабот мебошад.

## 7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ муаллиф, дар маҷмуъ, дар 7 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст.

## 8. Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда бо шарҳи пурра асоснок карда шудаанд.

Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ба талаботҳои КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи “30” июни соли 2021 бо таҳти рақами

№267 тасдиқ гардидаст, мутобиқ буда, муаллифи он Амонзода Анушервон Намоз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

**Муққарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И. Х.